# ОЗАРАХШ

# АЗ ЧАШМАСОР ОМАДАМ

# САРНОМА

Падари дуогӯям, ки дар шеъру мусиқӣ устоди аввалини ман ҳастанд, борҳо фармудаанд:

- «Писарам, агар ниҳолаке шинонданӣ бошӣ, аз боғбоне дуо гир, ва гар киште мекунӣ, аз деҳқоне…»

Пеш аз он, ки дафтари шеърро ба нашриёт супорам, хостам дуое аз девони Одамушшуъаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бигирам, то ҳарфи ҷаҳонгираш сарпараст ва дастгири тифли шеъри ман бошад.

Онҳое, ки аз девони Рӯдакиву Саъдиву Ҳофизу Мавлавию Камол ва дигар бузургони назм фол кушодаанд, медонанд, ки ман бо чӣ изтиробу ҳаяҷон ва умедворӣ китоби шеъри устод Рӯдакиро боз кардам ва хондам:

Дар раҳгузари бод чароғе, ки туроcт,
Тарсам, ки бимирад аз фароғе, ки туроcт.
Бӯйи ҷигари сӯхта олам бигрифт,
Гар нашнидӣ, зиҳӣ димоғе, ки туроcт.

Чӣ дуое! Чӣ фоле!...

Толиб Карими Озарахш

## ДУОИ САФАР

Ин садои нафаси бедорист, ки дар ин торикӣ
сухани равшан гуфт,
Ба ҳавои тапиши соати девор, ки дар бевақтӣ
хабар аз рафтан гуфт.
Рост мегӯяд, рост, ки ҳамин лаҳза сафар бояд кард.
Вақти рафтан омад.
Бояд ин дам ба азизони муборакназари Урметан
Раваму саҷда барам.
Ки бубахшед ба густохии ман,
Вақти гуфтан омад.
Бояд ин лаҳза ба побӯси дарахтон биравам,
Ба хабаргирии пирони баимон биравам,
Ки бубахшанд маро боз навои сабзе,
Ки бигӯянд маро боз дуои сабзе.
Бояд ин дам ба ниҳолони зимистонзадаи хоболуд
Гӯям, эй ҳамсолон,
Эй, ки дар хоб таманнои баҳорон доред,
Ҳар чӣ доред, бубахшед маро,
Ба ман айёми шукуфтан омад.
Бояд имшаб равам аз рӯди Зарафшон пурсам:
Ин садои нафаси бедорист, ки дар ин торикӣ
сухани равшан гуфт.
Ба ҳавои тапиши соати девор, ки дар бевақтӣ
Хабар аз рафтан гуфт.
Ё ки шеърест худованд дар ин хомӯшӣ
Нарму оҳиста ба гӯши ман гуфт.

## ТАРОНАИ САПЕДА

Ман ин таронаи худро ба пешвози саҳар
Дар осмони шабонгаҳ ба нури дида навиштам,

Ки ҳар чи ҳаст дар олам сапед, шеъри ман аст,
Сапеда шеъри ман аст.
Сапедае, ки зи модар ба шир нӯшидам,
Сапедае, ки зи пешонаи падар дидам.
Сапедае, ки сафед аст чун дуои сафар,
Мисоли аллаи модар,
Мисоли панди падар.
Наметавонам аз ин нур дида пӯшидан
Чу аз муҳаббати модар,
Чу аз умеди падар.
Зи меҳри ёр, ки аз парвардигори ман аст,
Зи ашку хандаи тифле, ки ёдгори ман аст
Ман ин таронаи худро ба пешвози саҳар,
Дар осмони шабонгаҳ ба нури дида навиштам.
Ки ҳар чӣ ҳаст дар олам сапед, шеъри ман аст,
Сапеда шеъри ман аст!

## ХОТИРАҲОИ АБРӢ

Ба Ёрмалики Қайюмзод

Паси ин барги дарахтон,
Паси ин шаҳри азим, кӯҳи баланд,
Паси ин хотираҳои абрӣ деҳе ҳаст
Деҳи боронии ман,
Деҳи хуршедии ман.
Модарам гуфт: дами зодани ту
Дилам аз чашмаи Пардӯши Тагоб
об мехост, вале
Ман туро ташна таваллуд кардам.
Падарам гуфт, ки аз чашмаи Пардӯши Тагоб
Об мехӯрдаму пайғоми туро оварданд.
Холаи Рӯҳафзо,
К – аз ҳама шебу фарози дунё огаҳ буд, гуфт:

Дар рӯзи таваллуд шуданат
Офтобу борон дӯст шуданд,
Офтобборон буд…
Мақсадам тарҷумаи ҳолам нест,
Сухан аз деҳаи хуршедии ман,
Сухан аз деҳаи боронии ман,
Сухан аз хотираҳои абрист.
Шоире деҳи маро лонаи мурғон номид,
Шоире боғи биҳиштии Зарафшон.
Шоире гуфт ба таъбири дигар,
ҳарфи дигар, шеъри дигар
Дар нигоҳи мани кӯдак
Деҳаам ҷойнамози падарамро мемонд.
Сабз дар домани кӯҳ
Ончунон дилкаш буд,
Ончунон зебо буд,
Чун гули сабзи бари домани модар, балки
Дарбеҳи пираҳани холаи Рӯҳафзо буд.
Холаи Рӯҳафзо гуфт:
Умри ту ба дунболи сафар мегузарад,
Хоҳ дар авҷи само,
Хоҳ дар рӯйи замин,
Ҳар куҷое бошӣ, солим бош,
Лек боғи падаратро мабар аз ёд
Баҳори ту ҳамин асту мазори ту ҳамин…
Падарам боғи баланде дорад:
Боғе пур аз сабза, аз мева.
Боғе пур аз хуршед, аз соя.
Боғе пур аз шева.
Мурғаконаш ҳама оҳанги дарӣ мехонанд.
Ҷӯйбораш ҳама бо сабки Хуросон ҷорист.
Ту шунидӣ, ки сафедори баланд
Рӯдакивор ғазал мехонад?
Ток хайёмнавоз асту гулафшон бодом
Қиссаи Ҳофизу Саъдиву Камолиддинро
Пеши занбӯри асал мехонад?
Шоҳтут аз ғами Фирдавсии Тӯс

Қисса бар шоҳу гадое дорад
Маст дар роҳи сабо зардолу
Мавлавивор самоъе дорад.
Холаи Рӯҳафзо гуфт;
Боғи падарат мазраи сабзи дуъост,
Ки назаргоҳи Худост.
Ман дар ин боғ «Алифбо» хондам,
Ҳамраҳи обу алаф хат бо хат,
ҳарф бо ҳарф
Кардам аз ёд ғазалҳои дарахтонашро,
Шеваи хору хасу нағмаи мурғонашро.
Лаҳни ширини Зарафшонашро,
сабки Хуросонашро!
Эй хуш он рӯз, ки дар дафтари ман
Сояи дасти дарахтон афтид,
Сояи дасти сафедори баланд,
Сояи панҷаи ток,
Соядасти бодом.
Соядасти шаҳтут,
зардолу,
Сояи дасти дуо,
Дасти Худо!

## АЗ ЧАШМАСОР ОМАДАМ…

Марди мусофирам.
Аз манзиле ба манзиле пайғом мебарам.
Аз чашмасор омадам,
аз зодгоҳи рӯд;
Аз роҳи дури дур, ки оғоз мешавад,
Аз мазраи биҳиштии домони модарам.
Аз он маҳалла, ки падарам ҷонамоз ёфт.
Як ҷонамози сабз, чу хоби кабӯтарон,
Ҷойи намози сабзтар аз боғи хотирам.
Дар кӯлбори ман
Як нони гарми офтоб
бар рағми гушнагист,

Як кӯза оби моҳтоб
бар қасди ташнагист.
То зоди роҳ медиҳадам дасти зиндагӣ
Аз гушнагию ташнагӣ ман ғам намехурам.
Ҳар ҷо, ки рафтаам, ба ҳама меҳр бурдаам,
Ҳар ҷо, ки будаам, зи ҳама меҳр бурдаам.
Не шоҳ будаам, на гадо, лек дар мақом
Бо шоҳу бо гадои замона баробарам.
Дар сӯҳбати қаландарон марди қаландарам,
Дар давраи даравгарон марди даравгарам.
Дар чашми шахси беҳунар як шахси беҳунар,
Дар ҳалқаи ҳунарварон шояд ҳунарварам.
Дар гуфтугӯи ошиқон як марди ишқбоз,
Дар гуфтугӯи шоирон, гӯё, ки шоирам.
Ҳатто ба чашми тоҷирон монанди тоҷирам,
Ҳарчанд дар саросари бозори ин ҷаҳон
Чизе намефурӯшаму чизе намехарам.
Солам ба сиюсест, вале дар хаёлу хоб
Як аср, ё ду аср, ё сию се ҳазор
Ман умр дидаам.
Дар шахси ман сулолаи Ашкониён гузашт,
Сосониён гузашт,
Сомониён гузашт.
Инак, зи асри бист ба даргоҳи бисту як
Бояд, ки чун сулолат имрӯз бигзарам.
Марди мусофирам.
Аз чашмасор омадам. Аз зодгоҳи рӯд,
Як чашма дар нигоҳаму як чашма дар дилам,
Як чашмаи муҳаббату як чашмаи савоб,
Бо пой дар заминаму бо даст дар само
Як қатра об мехӯрам, як зарра офтоб!

## ДОРО

Хандаам аз хуршед, ашкам аз борон аст,
Дилам аз нармии оташ, сарам аз сахтии санг
Ҷонам аз шишаи ҷӯборон аст.

Зодгоҳам деҳа, коргоҳам дар шаҳр
Ватанам шаҳри азимест, ё кӯҳи баланд,
Масканам дар сари сангест, ё домани баҳр,
Ман намедонам, агар ҳаст, Худо медонад.
Ман фақат медонам
Рӯҳи ман чашмаяке буд, равон гашту ба дарёҳо рафт,
Дарди ман зарраяке буд, калон гашту ба дунёҳо рафт.
Дастҳоям ба дарахтон рафтанд, чашмҳоям ба чароғон
Пойҳоям чу ҳавасҳои навомӯхтаам
Гоҳ дунболи Зарафшон рафтанд,
Гоҳ чун бод хиёбон ба хиёбон.
Гоҳ беёд биёбон ба биёбон.
Ҷомаам аз ман нест; ҳар баҳор аз деҳа
Ҷомаи беқасаби сабзи сафедоронро металабам.
Тирамоҳон дар шаҳр
Мехарам пираҳани зарди чинористонро
Дар зимистон аз барф чодаре мепӯшам,
То танам ёд кунад пираҳани гармии тобистонро
Ман ғами кафш надорам; кафшам аз обилаҳост.
Раҳ ба раҳ нав ба наваш пойи маро мекобад,
Раҳ ба раҳ нав ба наваш пойи маро меёбад.
Падарам чӯпон буд, ки пайи чӯпонӣ
Бе ягон мадрасае олим шуд.
Ман басо мадрасаҳоро гаштам,
лек олим нашудам.
Ман пас аз мадраса чӯпон гаштам.
Ман ҳамон чӯпонам, ки худаш мол надорад, аммо
Пайи моли дигарон дашт ба дашт,
кӯҳ ба кӯҳ мегардад.
Ҳама пайдои маро медонад,
Ҳама пинҳони маро медонад,
Дар ҷаҳон ҷуз дили девона надорам чизе
Ман намедонам, агар ҳаст, Худо медонад.

## ҚАРОР

Субҳи сешанбе буд,
Ҳафтаи сеюми моҳи найсон.

Боғ домони гулафшоне дошт
Пушти тирезаи ман
Бод оҳанги салотӣ мехонд.
Барг такбири наботин мегуфт.
Рӯи боми ҳавлӣ
Мурғаке гӯш ба овози муаззин медошт.
Ҷӯй бедор шуд аз атсаи об
Дар лабаш сураи алҳамди Худо
Сабзае сар зада аз синаи хок
Гуфт пайғоми заминро ба само.
Субҳи сешанбе буд;
Айни нозидани гул,
Рӯзи пиростани райҳон буд.
Гули бодом табассум мекард,
Хандаҳои гули себ
Дар паси барги лабаш пинҳон буд.
Як ниҳоле ҳам буд
Аз ниҳолони зимистонаи хоболуд,
ки хамёзкашон
Аз Худованд тавалло мекард:
«Бори дигар ту бубахшой гунаҳҳои маро,
Бахшой маро!»
Ман паси тиреза
Ин ҳама манзараро медидам
ва ба худ мегуфтам;
Бояд имсол қаламро чу қаламча
ба замин биншонам
То қалам сабз шавад.
Нахли умеди дилам сабз шавад.

## ЯК МАНЗИЛ

Ман аз як тобиши хуршед,
аз як резиши маҳтоб,
аз акси ситора дар хаёли об.
Ва аз тамкини кӯҳу шӯриши дарё,
Нумӯи решаи гул дар бисоти хок,

Ки дар андешаи абрест нопайдо.
Фароҳам сохтам як олами зебо.
Ман асрори вуҷуди осмонро дар нигоҳи чашма медидам.
Таманнои заминро дар фурӯғи ахтарони дур
Ман аз исёни ҷӯборе фиғони баъд бишнидам,
Ва аз чашмакзании озарахше корвони нур.
Ман аз номи ҳаво афсонаҳои ишқ мехондам ба гӯши об,
Ба побӯси замин аз осмон гулдастаҳои нур мечидам,
Ман аз маҳтоб бар моҳӣ паёми меҳр овардам.
Зи номи хокиён хуршедро бо чашм бӯсидам.
Ман аз як деҳаи орому як шаҳри пури ҳангомаи холӣ
Барои хеш як манзил бино кардам,
ки ҷояш дар ҳавои деҳаву шаҳр аст.
Миёнҷои нигоҳи моҳиву маҳтоб,
Миёнҷои чашмаи хокиву уқёнуси афлокӣ…
Ман аз як тобиши хуршед,
аз як резиши маҳтоб,
аз акси ситора дар хаёли об,
аз тамкини кӯҳу шӯриши дарё,
нумӯи решаи гул дар бисоти хок,
ки дар андешаи абрест нопайдо.
фароҳам сохтам як олами зебо.
Аҷаб дунёи рӯъёӣ,
Дунёи танҳоӣ…

## БИГӮ, КИ БОЗ БИЁЯД…

Ба мӯсафеди зимистон,
ки шом сурфакунон аз канори рӯд гузашт,
Бигӯ, ки боз биёяд.
Агарчӣ аз нафасаш боғи боғбон ях баст
Садои обии ҷӯбор дар забон ях баст
Дарахтҳо ҳама чун панҷаи гадо гаштанд
Ба сад ниёз сӯи даргаҳи Худо гаштанд.
Чӣ даҳшатест, ки як боғи сабзпӯшида
Ба зери барф кафанпеч менамояд боз
Тамоми долу дарахту гиёҳу хору хасаш

Ба чашми нокасу кас ҳеҷ менамояд боз.
Вале
ба мӯйсафеди зимистон,
    ки шом сурфакунон аз канори рӯд гузашт,
Бигӯ, ки боз биёяд.
Ки боғ лаззати фасли баҳорро донад,
Азоби сахти мани интизорро донад…

## МАН АЗ СУЛОЛАИ ДАРЁЯМ

Ман аз диёри чароғонам,
Ки дар иҳотаи зулматҳо
Ба роҳи субҳ назар дорад;-
Ба роҳи субҳи саодатҳо.
Ман аз билоди бузургонам,
Ки дарди ишқ чу варзиданд,
Ба мулки хеш нағунҷиданд
Ва чун Камолу Абӯ Сино
Зи Шарҳи ёр ҷудо гаштанд
Гирифта домани ғурбатҳо
Ман аз замини азизонам,
Ки ҷумла фозилу фарзонаш
Мисоли оби дари хона
Ғариби кишвари худ ҳастанд
Азизи кишвари бегона…
Ман аз сулолаи дарёям,
Ки дар лабони хамӯши ӯ
Ҳазор замзама пинҳон аст
Ман аз қабилаи хуршедам
Ки хандаҳои зиёбораш
Пур аз таронаи борон аст.
Ман аз наҷоди кӯҳистонам,
Ки шоирони ғазалхонаш
Ба санги гӯри шаҳидонаш
Навиштаанд чакомакҳо,-
Чакомаҳо зи муҳаббатҳо…

## ДАР КӮЧАИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Ҳар субҳу шом мегузарам ман,
Аз кӯчаи Камоли Хуҷандӣ
Аз байни растаҳову дарахтон
В-аз хонаҳои оинабандӣ
Чашмам пур аз алайки салом аст.
К-эй одамони нек, бигӯед,
Сарманзили Камол кадом аст?
Сарчашмае куҷост, ки аз сидқ
Бахшида буд оби ҳаёташ
Ширинлабе куҷост, ки бар лаб
Оварда буд қанду наботаш
Сайҳуни бӯсамаст, ки дорад
Дар каф мудом косаи лабрез,
Девонаи нигори хуҷандист.
Ё дар хаёли дилбари Табрез?
Дасти Камолро кӣ гирифта
Дар роҳи ҷовидони тариқат
Роҳи Камолро кӣ намуда
Сӯи уруҷгоҳи ҳақиқат
Роҳе, ки мебарад ба муҳаббат.
Роҳе, ки мебарад ба ғарибӣ,
Роҳе, ки мебарад ба ҷудоӣ,
Роҳе, ки мебарад ба қарибӣ…
Ҳар субҳу шом мегузарам ман
Аз кӯчаи Камоли Хуҷандӣ
Аз байни растаҳову дарахтон
В-аз хонаҳои оинабандӣ
Чашмам пур аз салому алайкум,
Гӯшам пур аз алайки салом аст
Эй одамони нек, бигӯед
Сарманзили Камол кадом аст?!

## ДАР ОСТОНИ ТАБРЕЗ

Дар дидаам дуруд,
Қалбе пур аз таронаву ҷоне пур аз суруд,
Наҷвокунон расидаам то остони ту.
Аз зодгоҳи Рӯдакӣ,
аз зодгоҳи рӯд!
қандест дар лабам.
Қанде зи қандҳои Самарқанди қандманд,
Ширинние зи шаҳди Бухорои бегазанд.
Тармевае зи боғи Душанбеи шодком
Лаъле зи лаъли Бадахшони сарбаланд.
Ин оби чашмро
Ман бо дуои Рӯдакӣ
Аз Ҷӯйи Мӯлиёну Зарафшон гирифтаам,
Аз раҳгузори Носири Хисрав
В-аз кӯчаи Камоли Хуҷандӣ
Гарде зи хоки роҳ ба мижгон гирифтаам.
То лаҳзаи висол
Ин обу хоку оби нав,
Сурхобро равон кунам аз сурхоби нав
Хонам сано ба марқади Хоқони доманат,
Гирам дуо зи кӯи Валиёни доманат.
Хоки Камолро зи Хуҷанд оварам паём,
То ки Камолро зи Хуҷанд оварам паём.
Нолон шавам ба манзили табрезиён чу тор,
Дар шаҳри Шаҳриёр, ба оҳанги Шаҳриёр.
Табрез! Эй биҳишти таманнои шоирон.
Эй боғи ошиқонаву эй «кӯйи дилбарон»,
Бар шоирону ошиқону дилбарон бигӯ,
Дар дидаам дуруд,
Қалбе пур аз таронаву ҷоне пур аз суруд,
Наҷвокунон расидаам то остони ту,
Аз зодгоҳи Рӯдакӣ,
аз зодгоҳи рӯд!

## ИН ДИЛ

Рӯз як рӯзи шарифи Рамазон буд
Ҳама нуронӣ, ҳама озода,
Ҳама аз равзанаи нур ба ҳам менигарист
Ҳама рӯ зебо буд,
Ҳама хушсимо буд.
Одамон чашм бубастанд зи бадбиниҳо;
Нафаре аз сухани зишту ҳақорат лаб баст,
Нафаре душмани худро бахшид,
Нафаре соғари мастӣ бишкаст.
Нафаре ҷомаи олудаи худро афканд,
Ба лаби ҷӯ ба таҳорат биншаст.
Нафаре пой кашид аз раҳи торики фиреб
Ба рафиқони зиёӣ пайваст.
Рӯз як рӯзи шарифи Рамазон
Ҳама нуронӣ,
Ҳама зебо буд.
Ҳама дар як нафаси умр ба ҳам меомад,
Лекин ин дил, дили девонасифат
Боз дар синаи ман мешӯрид.
Боз ҳам танҳо буд…

## РОЗ

Ба Зарафшон гуфтам:
Мавҷи оҳанги бари рӯи ту аз чист?
Бигуфт: «Модарат медонад».
Гуфтамаш: ашки ту аз баҳри чӣ ҷорист?
Бигуфт: «Модарат медонад».
Гуфтамаш: Модари ман аз ғами ман пир шуда?
Гуфт: ин кори Худост.
Гуфтамаш: пирии ман кори Худо нест?
Бигуфт: «Модарат медонад».
Гуфтамаш, ҳарфи туро дарк накардам, гуфто:
«Роздон бояд буд»

Гуфтамаш: маҳрами ин рози ниҳон кист?
Бигуфт: «Модарат медонад».

## НИЁЗ

Намоз оварам ин субҳидам ба номи шумо,
Азизҳои диёрам, азизҳои Худо!
Гузашт рӯзу шаби бешумор, к – аз падарам,
Дуои роҳ гирифтам нахуст рӯзи сафар,
Гузашт солу маҳи бемисол аз бари ман.
Ки дилкашол ҷудо гаштам аз бари модар.
Гузашт он чӣ ҳавас буду он чӣ қисмат буд,
Шикаст он чӣ, ки будаш насиб бишкастан
Валек дар дили пазмони ман газанд наёфт
Хаёли обу ҳавои замини Урметан.
Ҳанӯз дар назарам наврасе тарона ба лаб
Ки зира чида зи роҳи Тагоб меояд.
Ҳанӯз дар назарам наврасе ашӯлакунон
Зи Ширабоғ ба дасташ рубоб меояд.
Ҳанӯз дар Сари Хирман шамоли дарёҳост,
Ҳанӯз Ағбаи Мулло ситораборон аст.
Ҳанӯз рӯди Зарафшон тарона мехонад,
Ки ҳар чӣ ҳаст дар олам, ба ёди ёрон аст…
Намоз оварам ин субҳидам ба номи шумо,
Азизҳои диёрам, азизҳои Худо!!!

## ПЕШ АЗ САФАР

Вақте ки аз канори ту мерафтам,
Боди хазон ғубор ба сар мекард.
Оҳанги рез – рези чанористон,
Аз як баҳори рафта хабар мекард.
З-он панҷаҳои зард, ки афшон буд,
Ранге ба рӯю дӯшу барам мерехт,
Ин дами тамоми барги хазони роҳ.
Гӯё зи нахли бесамарам мерехт…
Ман бурдаму сукути хазонолуд,

Ман будам суруди хазонолуд.
Оҳанги тозае ба лабам хушкид,
Чун дар лабони хушки Душанберӯд…
Ин лаҳза низ гӯӣ ту нашнидӣ,
Овои розгӯи сукутамро.
Ин лаҳза низ гӯӣ нафаҳмидӣ
Оҳанги бесадои сурудамро.
Ин лаҳза низ музтару ҳайрон монд,
Шеърам мисоли бачаи рустоӣ,
Дар роҳҳои бесарусомонӣ,
Дар кӯчаҳои хилвати танҳоӣ…
Вақте ки аз канори ту мерафтам.
Обу ҳавот бӯи хазоне дошт.
Як боди дар ба дар, ки маро гум кард,
Дар кӯчаҳот оҳу фиғоне дошт…

## БАХШОЙ ИШТИБОҲИ МАРО

Шаб номаи сиёҳ набуд, эй дӯст,
Шеъри сафеди моҳ гувоҳи ӯст.
Ин рӯзгор бо ҳама бераҳмӣ
Дар дил умеди меҳру вафо дорад.
Хуршеди камнамо, ки чу оина
Гоҳе зи дури дур ҷило дорад,
Равшаннамои роҳи сиёҳи ӯст.
Фасли хазон фанои баҳорон нест,
Барги хазон нишони гулафшон аст.
Дасти дуои боғ намехушкад,
Дар хоби нахл нам – нами борон аст.
Ман чашми хешро ба бало мондам
Гуфтам сиёҳрӯзӣ гуноҳи туст,
Ашкам давиду гуфт, хато кардӣ,
Рӯзи сиёҳ айби нигоҳи туст…
Бахшой, иштибоҳи маро, бахшой,
Шаб номаи сиёҳ набуд, эй дӯст,
Шаб шеъри нонавиштаи хуршед аст,
Шеъри сафеди моҳ гувоҳи ӯст…

## ЧАРХИ ТАЪРИХ

Чархи таърих гирдгардон аст,
Ҳамчунон санги осиёи куҳан,
Як замон доманаш пури гандум.
Як замон доманаш пури арзан.
Эй Ватан, эй замини пурбардор,
Эй Ватан, эй самои беозор,
Ин қадар шодмоният кам буд,
Ин қадар ғамгусорият бисёр?!
Шаҳриёрат ҳанӯз меҷӯяд
Фитнаи куштани Фаридунро,
Паҳлавонат чу Рустами Дастон
Марги Сӯҳроби ҷомагулгунро.
Боз Афросиёбат аз кӯрӣ
Дар ғами куштани Сиёвуш аст,
Боз Рудобаат сияҳтолеъ,
Боз Таҳминаат сияҳпӯш аст.
То кунун дар баҳои «Шаҳнома»
Шоҳ мебахшадаш сияҳнома.
… Нони гандум намехӯрад мардум
Мекунад шукри донаи арзан,
Чархи таърих гирдгардон аст,
Ҳамчунон санги осиёи куҳан…

## БОВАР НАМЕКУНАМ

Ман хоб дидаам ҳамаро, хоб дидаам
Ин офтоби тираву ин тирамоҳро,
Ин рӯзҳои ҷомасафеди сиёҳро,
Ман хоб дидаам, бахудо, хоб дидаам.
Бо ин дарахтҳо, ки ҳама сӯйи осмон
Дастони илтиҷои заминро кушодаанд,
Ман сӯҳбати дарозу самимона доштам
Бо мурғакони боғ, ки чун баргҳои сабз
Аз ёд рафтаанд,

Дар байни баргҳои хазон лона доштам.
Ин одамон, ки ҳар сари субҳу намози шом
Дар навбати буридан нон мекананд ҷон,
Ҳамсоягони бекасу бечораи мананд,
Ин ошиқон, ки боз гиребон даридаанд,
Ҳамдардҳои синаи садпораи мананд.
Ман қомати хамидаи мардони рӯзро
Сад сол пештар
Андар набарди Рустаму Сӯҳроб дидаам,
Фасли хазони шаҳри ҷавонии хешро
Дар ҳой – ҳои нолаи Варзоб дидаам.
З-ин рӯй бефурӯғии ин тирамоҳро,
Ин рӯзҳои ҷомасафеди сиёҳро
Дар пеши чашм дидаву бовар намекунам,
Ман хоб дидаам, бахудо, хоб дидаам.

## ШЕЪРИ ШИР

Ёд дорам лаҳзаҳоро
Он ҳама бигзаштаҳоро
Ёд дорам
Оре, оре…
Дур не, соли гузашта
Аз садои мошине, ки шир меовард
Мешудам бедор аз хоби саҳаргоҳ
В-аз қафои шишаи тиреза мекардам тамошо
Шаҳриёнро, ширмастонро…
Он замон
Аз шишаҳову кӯзаҳову машкҳои шаҳрвандон шир мерехт.
Шир… шир…
　　　　ширӣ арзон…
Шояд он дам дар хаёле ҳам намеомад, ки ин шир
Аз сафои ширӣ модарҳост
Ширӣ модарони пир…
Ин замон ҳар субҳу шом
Аз қафои шишаи тиреза мебинам
　　　　　　　　қатори одамонро

Интизоранд.
Интизори мошини шир.
Ин замон
аз чашмҳову аз забону аз даҳони одамон дашном мерезад
ки дод аз зиндагонӣ!
Мӯсиёҳу мӯсафед дар навбати шир,
Устухонҳо шуд сафед аз навбати шир…
Ин замон
Одамон чун тифлаки азширмонда модаронро
ёд меоранд.
Ончуноне, ки мани пазмони модар
Бо нигаҳ дар шишаи тирезаи худ
Мекашам нури сафеде
Дар сари шеъри сафеде
Шеъре аз шири сафеде…

## ГИРАҲ

Оҳ, эй дил, дили одаткарда,
Баста дар хеш тапидан то кай?
Мурдам аз тобу таби беҳуда
Зи пайи ҳеҷ давидан то кай?
Ишқ гуфтиву таманно кардӣ,
Ёр гуфтиву шудӣ овора
Шиква кирдори ҳақирон гуфтӣ
Шукр кардиву шудӣ бечора.
Ту ҳамон шоири бедевонӣ
Ки ба ҷуз хеш надонад розаш,
Ту ҳамон мутриби беоҳангӣ
Ки хамӯшӣ шуда ҳамовозаш.
Ту баҳориву гулафшонат нест,
Ту хазониву зарафшонат нест.
Ту заминиву надорӣ ҳосил,
Абри борониву боронат нест!
Оҳ, эй дил, дили тасбеҳгардон,
Қатраи хуни маро мешуморӣ,

Тасбеҳи ашк, ки ман гардондам,
Чӣ шумор аст? аз ин бехабарӣ…

## ЁД КАРДАМ…

Салом, эй ёдҳои талху ширин,
Салом, эй бодҳои хобу бедор,
Салом, эй рӯзгори тору равшан,
Салом, эй дидаҳои масту ҳушёр,
Шуморо ёд кардам, ёд кардам!
Шуморо ёд кардам чун ғарибе
Ки ҳар шаб хоб мебинад Ватанро
Мисоли булбули ғурбаткашида
Ки менолад ҷудоии чаманро.
Шуморо ёд кардам чун ятиме
Ки аз оғӯши модар ёд дорад
Мисоли моҳии афтода дар хок
Ба лаҳни хештан фарёд дорад:
Фиғон аз дасти бераҳми ҷудоӣ,
Маро аз буду нобудам ҷудо кард
Тани танҳо ба саҳроям бияфканд
Дареғогӯи даргоҳи Худо кард.
Салом, эй бодҳо, эй ёдгорон,
Салом, эй бодҳо, эй раҳгузорон.
Салом, эй чашмҳои масту ҳушёр
Салом эй дӯстдорон, дӯстдорон,
Шуморо ёд кардам, ёд кардам!

## ГУФТУГӮ

Оҳ, эй ситорагон,
Эй ҳуриёни силсилагесӯи осмон
Имшаб ба рӯдхонаи чашмам вузӯъ кунед,
Бо ашкҳои дидаи ман гуфтугӯ кунед.
Имшаб дароз нест.
Имшаб ба қадри фосилаи умри булбул аст

Ё муддати шукуфтани як ғунчаи гул аст.
Имшаб намози хуфтани мо то саҳаргаҳист,
Арзи ниёзҳои дили зор мушкил аст…
Оҳ, эй ситораҳо,
Бо ман, мани каноранишин ошно шавед.
Ман ҳам ситораам,
Аммо чу дидаҳои шумо ҷилвабоз не,
Чашмони ман ба сӯйи дарун боз мешаванд,
Ғамҳои ман чу ҳарфи Худо ғайри роз не…
Шояд, ки дар само
Монанди ман ягона ҳамон ахтари суҳост
Дар дурҳои дур
Аз чашми бобасирату бесиратон ҷудост.
Шояд, ки мисли ман
Ӯ нур мехурад
Танҳотарин ситора, ки ҳамсояи Худост…
Оҳ, эй ситораҳо,
Эй ҳуриёни силсилагесӯи осмон
Имшаб дароз нест,
Имшаб ба рӯдхонаи чашмам вузӯъ кунед,
Бо ашкҳои дидаи ман гуфтугӯ кунед…

## ХОБИ СИЁҲ

Боз шаб ҷомаи мотам пӯшид,
Боз чашмони маро ғам пӯшид.
Боз ман хоби сиёҳе дорам
То саҳар ҳоли табоҳе дорам.
На садоям ба садоям монад,
На навоям ба навоям монад.
Дидаам бо назарам бегона,
Ҳама савдои сарам бегона…
Аз ҳамон рӯз, ки чашмони маро
Бикушоданду бигуфтанд: «Бипӯш!»
Гӯш додандаму дар  пунба заданд
Лафз доданду бигуфтанд: «Хамӯш!»

Як сарояндаи беовозам,
Як навозандаи беоҳангам
Зиндае мурда бурун аз хокам
Оташе зинда даруни сангам».
Инак, ин чеҳраи хомӯши ман аст,
Инак, ин синаи лабрези фиғон
Ҳамчу оромиши пеш аз борон,
Ҳамчу хомӯшии пеш аз тӯфон.
… Боз шаб ҷомаи мотам пӯшид,
Боз чашмони маро ғам пӯшид.

## ЭЙ ҲАМСАФАР!

Эй ҳамсафар, ки ҳамқадами моӣ,
Роҳи расидаи ту муборак бод.
Бар дӯши мо замона гарон омад,
Бори кашидаи ту муборак бод!

Мо дар мисоли чашма сафар кардем
Бо ҷӯйҳо ба ҷониби дарёҳо,
Сарсон шудем дар раҳи саҳроҳо,
Гирён шудем дар ғами дунёҳо.
Эй чашми ошнои пур аз гиря
Ашки чакидаи ту муборак бод!

Мо бо хаёли ишқ ҷудо гаштем,
Аз хешу аз муомилаи хешон,
Хирман задем дар гузари шоҳон,
Оташ задем дар раҳи дарвешон.
Эй чеҳраи азизу наосуда
Ранги паридаи ту муборак бод!

То ҷомаҳо дарид дар ин ҷода
Аз нури офтоб қабо кардем,
Пойи бараҳнаро, ки ба танг омад
Дар кафшҳои обила ҷо кардем.

Кафши даридаи ту муборак бод!
… Роҳи расидаи ту муборак бод!

## ДАР ГУЗОРИ ДАРЁИ ДУШАНБЕ

Маҳзуну саргарону парокандаи равон,
Дар дӯши мавҷҳои ту бори гарони кист?
Ошӯби кӯҳзоди ту хомӯш гаштааст
Эй зиндарӯд, ёди ту банди ҷаҳони кист?

Парзинзада лабони ту чун ташнакомҳо
Шодобрӯд, ташнаи лабҳои кистӣ?
Оҳанги ошиқонаву мастонаат куҷост,
Ромишгари хамӯш, ҳамовои кистӣ?

Гуфтам, даме дил об диҳам дар канори ту,
Дидам, ки хастатар зи манӣ, хастатар зи ман.
Гуфтам, дилам кушода шавад дар ҳавои ту
Дардо, ту бастатар зи манӣ, бастатар зи ман.

Ҳайронам аз навои туву аз навои хеш
Ғайри ду дида дар лаби ту тар намекунам
Н-ояд ба боварам, ки ту Варзоб будаӣ
Он гуна, ки ба хештан бовар намекунам.

## СОЯРАВШАН

Нимахоб аз кӯчаҳои шаҳр
Меравам дар нимашаб танҳо.
Як қадам бар олами ҳастӣ
Як қадам бар олами рӯъё.
Кӯчаҳои шаҳр хомӯш аст,
Бо сукути шаб ҳамоғӯш аст.

Як нафас бо ман ҳамоҳанг аст,
Як нафас аз ман фаромӯш аст.
Раҳ ба раҳ бо хеш мегӯям:
То куҷо ин роҳпӯиҳо?
То куҷо аз хеш бигрезам,
То ба кай ин хешҷӯиҳо?
…Шарфаи пойи маро як дам
Мекунад деворҳо такрор.
Ин замон гӯё садои ман
Хуфтагонро мекунад бедор.
Лаҳзае ман бо садои худ
Пинаки худро кунам вайрон.
Аз баландиҳои хоб афтам
Андаруни ҷӯйи об афтам…
Нимахоб аз кӯчаҳои шаҳр
Меравам дар нимашаб танҳо.
Як қадам бар олами ҳастӣ
Як қадам бар олами рӯъё…

## ЧИНОРИ ДУШАНБЕ

Оҳ, эй чинори сабз, ки андеша мекунӣ
Андешаҳои сабзи туро ман шинохтам.
Ин созҳои содаи рустоибачаест
К-аз тори хотироти хушаш менавохтам.
Ин худ таронаест, ки мурғони кӯҳсор
Аз офтоби сӯхта аз бар намудаанд.
Ё он суруди ишқ, ки борону бодҳо
Дар гӯши осмону замин месурудаанд.
Ин аст он шукуфа, ки дар ман шукуфтааст,
Ин аст он чакома, ки дар ман нуҳуфтааст.
Ин қиссаест ғайри ману ёдҳои ту
Бар гӯши ҳеҷ кас каси дигар нагуфтааст…
Оҳ, эй чинори сабз, ки ҳамрешаи манӣ
Бигзор то даме биниҳам сар ба пои ту.

Сабз аст нахли навбари андешаҳои ман
Дар боғи сабзгунаи андешаҳои ту.

## АШКБОРОН

(Дар ҷанозаи устод Муҳиддин Олимпур)

Хез, Олимпур!
Рӯйи ҳавлиро нигар,
                    аз рӯйи одам пур,
                    чун рӯйи олам пур.
Хез, Олимпур!
Нусхае аз чеҳраи дарду алам бардор,
Чеҳрае гирёнтар аз абри баҳоронӣ,
Чеҳрае шӯрида чун сели куҳистонӣ.
Сурате ҳайрон,
Сурате беёд,
Сурате ночор аз тақдири пешонӣ,
                              аз пушаймонӣ…

Хез, Олимур!
Чашмҳои ҳозирон акси туро дорад,
Ашкҳои модарон акси туро дорад,
Дардҳои ошиқону
          шеърҳои шоирон акси туро дорад.

Ҳар замоне акси мардумро
Мекашидӣ бар канори аксбардорат,
Бехабар будӣ, ки акси ту
Мефитад бар дидаи мардум
Чун навори аксбардорат.
Хез, Олимпур!
Акси худро дар навори обшорон бин,
Дар нигоҳи дӯстдорон,
                    дар хаёли рӯзгорон бин.
Хезу бингар, тоҷикони рӯйи дунёро

Рӯзи марги ту
Қатра – қатра ашкборон ҷамъ меоянд.
Обҳои пора – пора
аз парешон ҷамъ меоянд.
Дар Душанбе ҳамраҳи Варзоб,
Дар Бухоро чун Зарафшон ҷамъ меоянд.
Хез, Олимпур!
Рӯйи ҳавлиро нигар,
аз рӯйи одам пур,
чун рӯйи олам пур.

## ШАБОҲАНГ

Инак, ба номи неки ту оғоз мекунам,
Ин нома – ин паёми наворези хешро.
Бар торҳои нури само захма мезанам,
Сар мекунам суруди шабовези хешро.
Имшаб ба номи поки ту овоз медиҳам,
Бар моҳу ахтарони зарафшони осмон.
Дар рӯйи моҳ бӯсаи истора мезанам,
В – аз сӯйи моҳ бӯса ба чашми ситорагон.
Имшаб шукуфазори дарахтони боғро
Андар гулобдони ду чашмам гирифтаам,
Имшаб канори ман пури гулнозҳои туст,
Чун аз шукуфаҳои хаёлат шукуфтаам.
Эй ёр, эй ягонатарин ошнои ман,
Эй дури дури дур, вале ҳамнавои ман.
Овози ман сукути фалакро шикастааст,
Кай мерасад ба гӯши ту фарёдҳои ман?!
Имшаб ситораи мани танҳо дар осмон
Ашки ситорабори маро нӯш мекунад.
Имшаб ба номи неки ту овоз медиҳам
Зеро Худо суруди маро гӯш мекунад.

## ҲАМХУНИ ОФТОБ

Хунам ба ҷӯш омада чун хуни офтоб,
Дар сарзамини синаи сардам нисор шуд.
Ин хоки лолазор чӣ донад, ки ҳоли ман
Аз лолаҳои хуни ҷигар лолазор шуд?!
…Инак баҳор хандаи гулгуна мезанад,
Чун наварӯс дар бари домоди кӯҳсор.
Фархунда бод мавсими васли умедҳо,
Поянда бод лаҳзаи пайванди ёру ёр.
Сар то ба пои духтари бодом бӯса аст,
Гулбӯсаи шукуфтаи пиндорҳои ман.
Он бӯсаҳо, ки бо ҳама арзу ниёзҳо
Рӯёндаам зи қадди ту дар хоби хештан.
Дар кокулони бед навои муҳаббат аст,-
Он созҳои сабз, ки дар хоб мезадам.
Бо сад ҳазор тобу таби печ – печи дил,
Дар кокулони сабзи ту сад тоб мезадам.
Хунам ба ҷӯш омада чун хуни офтоб,
Дар хотирам баҳори ҳавас лолазор шуд
Дил метапад ба синаву фарёд мекашад:
«Зиндони худ кушой, ки бе ман баҳор шуд!!!»

## ДУХТАРАКИ ФОЛБИНИ ШАБ

Дастам бигир, духтараки фолбини шаб,
Фардои рӯзгори маро фоли нек бин.
Яксон ба бод додаам оҳанги кӯҳнаро,
Бо сози рӯзгори навинам шарик бин.
Бигзашт он замон, ки шабони сиёҳро
Ман гурбаи сиёҳи сари роҳ хондам.
Бигзашт он шабе, ки зи бими фалокате
То субҳидам ба рӯйи раҳам по намондаам.
Поёни шаб сафед бувад, бегумон бубин,
Нури сапедӣ мечакад аз роғи дидаам.
Чашми сиёҳ мебарадам бо раҳи сафед,

Субҳи мурод медамад аз умқи дидаам.
Ман толиби ҳақиқати афсонаи туям,
Аз боби ишқу ошиқӣ афсонаам бигӯ.
Дигар ҳазору як шаби афсонавӣ гузашт,
Аз як шаби фасонаи ҷононаам бигӯ.
Ҳоло, ки ман ба фоли ту ихлос бастаам,
Бигзор қиссаи ману ҷонона фол бод.
Дастам бигир, духтараки фолбини шаб,
Ангуштари тилоии моҳат ҳалол бод!

## ДАР БОҒ

Гули гелосу гули себу гули шафтолу
Ману занбӯри асал,
Чӣ нишастан, чӣ паридан, чӣ висолу чӣ фироқ,
Чӣ мисолу чӣ масал.

## КӮТОҲДАСТ

Аз дасти даст дод!
Дар бачагӣ ба тахтаи мактаб намерасид.
Дар навхатӣ ба домани дилдор,
Акнун ба ҳеҷ кор.

## ФАРЁДИ БОД

Бод фарёдкашон мегузарад аз кӯча
Ки «Аз ин роҳ ба ҷое нарасидааст чу ман,
Ҳайфи оби ҷӯча!»

## ЗАБОНХАТ

Шоире дар вараќи барг ба борон бинавишт:
«Ман гунаҳкор наям,

Варақамро қаламам кард сиёҳ,-
Ман сияҳкор наям!»

## ШЕЪРИ ШИРИН

Шеъри ширини лаби ман ин аст:
«Лаби ту ширин аст».

## ОШИҚОНА

Сармасти таронаи  ҷавонӣ
Саршори суруди зиндагонӣ.
Бо замзамаҳои ошиқона
Лабрези навои ҷовидона.
Ман толиби ташнаи висолам
Ман ошиқи духтари хаёлам.

Дилро бизанам ба ҷӯши дарё
Дарё дили шоирона дорад.
Дар лаб зи муҳаббати ману ёр
Афсонаи дилбарона дорад.

Сар дар бари сабзаҳо гузорам
То сабз шавад умедҳоям.
Рӯ аз рухи чашмаҳо бигирам
То ҷониби ёр рӯ намоям.

Фарёд занам ба осмонҳо
То бар сари мо ситора боранд.
Моро чу ду ахтари батолеъ
Дар зери фалак ба ҳам гузоранд.

Имрӯз ҷавонаму надорам
Накде ба ҷуз аз муҳаббати ёр.
Ҳарфе ба шумо агар бигӯям
Ҳарфест зи шавқи сӯҳбати ёр.

Ман толиби ташнаи висолам,
Ман ошиқи духтари хаёлам!

## ОФТОБ ОРИФОНА МЕХАНДАД

Боғ обастани баҳорон аст,
Боғбон, фасли нав муборак бод.
Хок пазмони сабзборон аст,
Ошиқон, васли нав муборак бод!

Дар канори шукуфаи бодом
Офтоб орифона механдад,
Ҳамчу домоди нав ба сӯйи саҳар
Бо хумори шабона механдад.

Нарм – нармак насими наврӯзӣ
Гӯшакӣ мекунад ба гӯши дарахт,
Гарм – гармак ба боғ мерезад,
Аз лаби  ҷӯйҳо таронаи бахт.

Навхате ин баҳор мастона
Дил ба зулфони бед мебандад.
Духтаре чун ниҳолаки навгул
Гӯшвори сафед мебандад.

Эй насими саҳар, ки дар нафасат
Боз оҳанги ишқи ёрон аст.
Мурчагонро бигӯ, ки боз оянд,
Боғ обастани баҳорон аст!

## БИЁ!!!

Шаби дароз қисса мекунанд
Ҳаёти ошиқонаи маро ба боғҳо шамолҳо

Даруни синаам дубора зинда мекунанд
Хуморҳои мурдаро хаёлҳо.

На аз баҳор шиква мекунам, на аз хазон,
На аз камоли ҳусни ту, на аз заволи хеш.
Мисоли шамъ мекунам сипоси сӯхтан,-
Зи гиряҳою хандаҳои бемалоли хеш.

Шаби дароз ман шунидаам суруди хешро
Зи ҳой – ҳойи гиряи сукут,
Ки як замон ту гӯш карда ханда мезадӣ, вале
Худо гириста буд.

Нигоҳ кун чароғҳои кӯчабоғро
Чу дидаҳои ман хумор гаштаанд.
Чинорҳо – гувоҳҳои безабони мо
Дубора интизори навбаҳор гаштаанд.

Ман ин шаби дароз
Ба ёди нозҳои дилнавози ту намоз мебарам.
Ба сӯят, эй таҷаллии сапеда,
панҷаи ниёз мебарам.
Биё!!!

## НИШОН

Ҳар гаҳ, ки туро хумори ман гирад,
Бархезу ба сӯйи кӯҳсорон рав.
Овози сукути ошноямро
З-овози сукути кӯҳҳо бишнав.

Ман чашм ба чашми чашмаҳо додам,
Чашмони маро зи чашмасорон ҷӯй.
Ман даст ба дасти арчаҳо додам
Дастони маро зи арчазорон ҷӯй.

Дар соҳили рӯд шину гирён шав,
Бингар, ки чӣ сон суруд мехонам.
Вақте ба садои хеш мехондам,
Акнун зи забони рӯд мехонам…

Ҳар дору мадори ман, ки меҷӯӣ
Дар обу замини кӯҳсорон ҳаст.
Ҳатто хати охирини шеъри ман
Дар лавҳи ҷабини кӯҳсорон ҳаст.

Лекин мани толиби висолатро
Лабташнаву ҷонфишон нахоҳӣ ёфт.
З-он дил, ки туро додаму гум кардӣ
Дар ҳарду ҷаҳон нишон нахоҳӣ ёфт…

## ПАНДИ КӮҲНА

Эй абри дилсиёҳ,
Эй сояи гуноҳ!
Дар рӯйи офтоб чӣ доман кашидаӣ?
Хуршедро ҳанӯз напӯшида домане
Ин панди кӯҳнаро ту магар ношунидаӣ?!

Домони худ бикаш, ки зи домандарозият
Шарманда мешавӣ,
Борони ашк гаштаву аз чашми осмон
Канда мешавӣ!

## ЭЙ ШЕЪР…

Эй шеър, эй намози қазогашта
Вақтам намерасад, ки туро хонам.
Аз дашти сарнавишти хиёнаткор

В-аз ҷабри рӯзгори парешонам.

Рӯзони офтобии ман аксар
Дар фикри обу дона ба сар омад.
Шабҳои моҳтобии ман беёд
Дар мотами замона ба сар омад.

Субҳи ман аз азои Ватан шаб шуд,
Шоми ман аз азои Ватан сар шуд.
Ҳарфе, ки бо хаёли ту мегуфтам,
Дар хуни ғунчаҳои Ватан тар шуд.

Ман шоири таронасаро будам,
Дарди замона навҳасароям кард.
Ашъори шодмона зи ёдам рафт,
Марсиягӯӣ обу адоям кард.

Инак, чу пири қофилагумкарда
Дар соли сиву чор парешонам.
Эй шеър, эй намози қазогашта,
Умрам намерасад, ки туро хонам.

## ТАНБАТАНИҲО ГУЗАШТ…

Дидаи оинаро рӯйнигар мекунем,
Баҳри Худо худ ба худ боз назар мекунем.
Кинаи беҷойро ҷои дигар мекунем
Кори дигар мекунем;
Мулк басар мекунем,
Танбатаниҳо гузашт,
Тантана сар мекунем.
Ҳамватанони азиз!
Зор нанолад дигар чашмаи зори Ватан,
Хун нафишонад дигар абри баҳори Ватан,
Замзамарезон шавад шаршаразори Ватан,

Боз ҳунар мекунем,
Мулк басар мекунем,
Танбатаниҳо гузашт,
Тантана сар мекунем,
Ҳамватанони азиз!
Мо ҳама як одамем, одами як оламем,
Зодаи як шодием, куштаи як мотамем,
Ҳамсафари як раҳем, ҳамнафаси як дамем.
Кори дигар мекунем;
Мулк басар мекунем,
Танбатаниҳо гузашт,
Тантана сар мекунем.
Ҳамватанони азиз!
Об бибояд шудан, то, ки Ватан гул кунад,
Санги Ватан гул кунад, хоки Ватан гул кунад,
Ё ки бихушкем мо, ё ки Ватан гул кунад.
Боз ҳунар мекунем,
Мулк басар мекунем,
Танбатаниҳо гузашт,
Тантана сар мекунем,
Ҳамватанони азиз!

## ТАНҲО

Ман он танҳодарахти гӯшаи боғам.
Ки милодам ба ёди боғбонам нест.
Заминам дар паси ёди замон монда,
Замонамро хабар аз осмонам нест.
Канорам лонаи мурғони шодӣ буд
Дигар мурғе ба фикри ошёнам нест.
Чӣ гӯям ранги барфи заъфаронамро?
Дареғо, ҳарфи сабзе дар забонам нест…
Агар дастонам аз девор берун рафт
Ба роҳи раҳгузорон ҷуз хазонам нест.
Ба пеши пойи ҷонон ҷонфишон будам,
Дигар он ҷонфишониҳои ҷонам нест,

Замоне офтобе буд дамсозам,
Кунун ҷуз Озарахше ҳамфиғонам нест…

## ЯК ҶОНИ ПУР АЗ НУРАМ

## (ҒАЗАЛҲО)

Чӣ ғурбатест дар ин роҳҳову манзилҳо,
Чӣ лаззатест дар ин боғҳову ҳосилҳо.
Замона бо сухани аҳли дил намесозад,
Дилам гирифт зи ҳангомаҳои маҳфилҳо.
Агар ту оқилӣ, аз ошиқӣ магӯ ин ҷо
Ки нест ақл ба сарҳову ишқ дар дилҳо.
Азизҳои сарафроз хоксор шуданд
Ки сар ба авҷ кашиданд пой дар гилҳо.
Ба обҳо бинавиштам, ки мавҷ шеъри ман аст,
Вале нахонда фиканданд сӯйи соҳилҳо…

* * *

Тирамоҳи ман, ки мерезад ба роҳам барг – барг,
Меканад аз дафтари шому сабоҳам барг – барг.

Бод нолон мешуморад дар сарам мӯйи сафед
Дар хаёлаш панҷаи мӯйи сиёҳам барг – барг.

Менависад раҳ ба раҳ барги хазони заъфарон
Достоне аз савобу аз гуноҳам барг – барг.

Аз қатори ин чанористон чӣ ово мерасад?
Шаҳрро пур кардаам аз оҳувоҳам барг – барг.

Меравад дарёи Сайҳун бо сукуте роздор
Дар нигоҳи хастааш хуршеду моҳам барг – барг.

Озарахшо, аз баҳори нав паёме гӯ, ки ман
Барг мерезам мисоли тирамоҳам барг – барг.

* * *

Эй боғбон, зи марги дарахтон кӣ сер шуд?
Аз хуни навбаҳори гулафшон кӣ сер шуд?

Аз лаъли ҷонфизои Бадахшон кӣ қанд хӯрд?
В-аз боғи ғӯраҳои Зарафшон кӣ сер шуд?

Ғайри садои тир наво дар чаман намонд
Аз сози булбулони ғазалхон кӣ сер шуд?

Эй киштзори сӯхта, эй ҳамнаво, Ватан,
Дар ин замини ташналаб аз нон кӣ сер шуд?!

Як Озарахш аз сари олам гузашту гуфт:
«Эй ҷони ҷон, бигӯй, ки аз ҷон кӣ сер шуд?!»

* * *

Ин ҳама ҳою ҳанг аз мо нест,
Умри бе рӯҳу ранг аз мо нест.

Ошноист кори мо умре
Ин ҳама ҷӯшу ҷанг аз мо нест.

Тоҷик аз ному нанг миллат шуд,
Аҳли бе ному нанг аз мо нест.

Бистари сахти санг аз мо буд,
Синаи сахти санг аз мо нест.

Мо суруди мурод мехонем,
Ин садои туфанг аз мо нест!

* * *

Дар ёди шаҳидони Ватан гиряму гирям
Бар дидаи гирёни Ватан гиряму гирям.

Бар шаҳри Душанбе, ки Бухорои дигар буд
Чун рӯди Зарафшони Ватан гиряму гирям.

Ҳам халқ парешон шуду ҳам хок парешон
Бар ҳоли парешони Ватан гиряму гирям.

Ёрони ватандор кафанзор бимурданд,
Бар пахтаи Хатлони Ватан гиряму гирям.

Моли дигарон гашт чу тиллои Бухоро
Бар лаъли Бадахшони Ватан гиряму гирям.

Сӯҳроби Ватан боз набишнохт падарро
Бар Рустами Дастони Ватан гиряму гирям.

Бар модари тоҷик, ки фиғонаш ба ҳаво рафт
Чун тифлаки домони Ватан гиряму гирям.

* * *

Шабҳои мо сафеданд, маҳтоб зинда бошад!
То хоби мост равшан, ин хоб зинда бошад.

Шеъри сафеди моро шаҳди сапедаҳо дод,
Ин рӯзгори шоду шодоб зинда бошад.

Шаб номае навиштам бар шаҳриёри Тӯсӣ
Бигзор пеши Рустам Сӯҳроб зинда бошад.

Сабз аст то Бухоро аз гиряи Зарафшон
Дар домани Душанбе Варзоб зинда бошад!

То тоб мезанад дил дар зулфи печ – пече
Ин тоб зинда бошад, он тоб зинда бошад.

Бо ёди зинда будан мо ёди ёр кардем
То зиндагӣ бубахшад ин ёд зинда бошад.

* * *

Чӣ субҳ буду чӣ шом аст, ман намедонам,
Чӣ аввалу чӣ давом аст, ман намедонам.

Ба доми умр гирифтор гаштаам, охир
Раҳи наҷот кадом аст, ман намедонам.

Тамоми рӯзу шабам бенизом мегузарад,
Замонаро чӣ низом аст, ман намедонам.

Замин гирифт ҳалолу ҳаромро бар хеш,
Куҷо ҳалолу ҳаром аст, ман намедонам.

Ҳама ба ҳарфи ҳақорат кушода лабҳоро,
Лаби ману лаби ҷом аст, ман намедонам.

Як Озарахш ба як мисрае китоб навишт,
Ба ин китоб чӣ ном аст, ман намедонам.

* * *

Хуршед Ватан дорад дар хонаи чашмонам,
Як ҷони пур аз нурам, як нури пур аз ҷонам.

Ман рӯди Зарафшонам, ман ризқи парешонам,
Ман кӯҳи Бадахшонам, ман ганҷи фаровонам.

Дар хок фурӯ рафтам, бар моҳ вузӯ рафтам,
Як нима ба айвонам, як нима ба кайвонам.

Ман хитаи Хатлонам, ман хоки азизонам
Дар пои ҳарифонам чун пахтаи Вахшонам.

Як даст ба дастонам бигрифт гиребонам
Ман мурдаи Сӯҳробам, ман Рустами Дастонам.

Эрони маро бинед, Тӯрони маро бинед,
Ман рӯҳи Сиёвушам, овораву сарсонам.

Аз хоки Ватан рафтам, бо ёди Ватан рафтам,
Ман пири Хуҷандиям, Сайҳуни ғазалхонам.

Ман шаҳди Самарқандам, аз аҳди Самарқандам,
Тиллои Бухороям, дар кисаи duздонам.

Як лаҳза ба ин сонам, як лаҳза ба он сонам,
Ҳам зодаи инсонам, ҳам куштаи инсонам.

Механдаму мегирям, мегиряму механдам,
Як ҷони пур аз нурам, як нури пур аз ҷонам.

* * *

Биё, рафтем, ин манзил ба мо манзар нахоҳад дод,
Ҳар он чӣ ёфтем, ин аст, ӯ дигар нахоҳад дод.

Насиби мо дар ин майхона ҳарчӣ буд, нӯшидем,
Дигар соқии соғаркаш ба мо соғар нахоҳад дод.

Замон рӯҳи шаҳидонро чу модар зинда медорад,
Шаҳидеро валекин зинда бар модар нахоҳад дод.

Арӯсон рӯйи гӯри навҷавонон сина мекӯбанд
Дареғо, хок аз сина касеро сар нахоҳад дод.

Тамоми шӯру исёни ҷаҳон бигзашту донистем
Ҷавоби шӯру исёнро ба ҷуз машҳар нахоҳад дод.

Бирав, эй Озарахшу ханда зан бар чеҳраи дигар
Дурахши озарахши ту ба мо озар нахоҳад дод.

* * *

Мечакад хуни хазон аз шохсорони Ватан
Дар азои сабзазорони баҳорони Ватан.

Чашмаҳо чун чашмҳои модарон хушкидаанд
Ашкрезон аз қафои обшорони Ватан.

Кӯҳсорон мӯсафедони писаргумкардаанд.
Ғайри ҳасрат нест бори кӯҳсорони Ватан.

Ҳеҷ бозорӣ намехоҳад, ки арзонтар кунад
Қиммати бозорро ҷуз мардикорони Ватан.

Пахтазорон сӯхтанд аз ҳасрати оне, ки нест
Қатраи обе ба халқи пахтакорони Ватан.

Дар Ватан ҳам ғурбату дур аз Ватан ҳам ғурбат аст
Гуфт бо чашмони гирён абри борони Ватан.

Озарахш ин шеъри мадҳушонаро хонду бигуфт:
«Охирин хушдор баҳри дӯстдорони Ватан…»

* * *

Метавонӣ ёфт ҳар ҷо хонаву хони дигар,
Метавонӣ кард ҳар ҷо аҳду паймони дигар.

Метавонӣ ёр хондан як замон ағёрро,
Бар фаромӯшӣ супурдан ёди ёрони дигар.

Метавонӣ ҷон фитондан пеши ҳар ҷононае,
Дил ниҳодан, сар супурдан баҳри ҷонони дигар.

Метавонӣ ҳамчу боди булҳавас доман кашӣ
Аз хиёбони дигар сӯйи хиёбони дигар.

Метавонӣ ханда кардан, гиря кардан, зистан,
Ҳар куҷо, аммо намеёбӣ Зарафшони дигар.

Метавонӣ як каф аз хоки Ватан бо худ барӣ
Нест аммо дар ду дунё Тоҷикистони дигар…

* * *

Бо ҳама нолаи ҷон дар нафасе ғунҷидем,
Бо ҳама хоҳиши дил дар ҳавасе ғунҷидем.

Гарчӣ бе бол намудем ҳавопаймоӣ,
Бо ҳама арзу само дар қафасе ғунҷидем.

Лек хомӯшии мо нест фаромӯшии мо
Корвонему ба бонги ҷарасе ғунҷидем?!

Ҷониби пеш давидем дар ин роҳи дароз
Бехабар дар қадами бозпасе ғунҷидем.

Озарахшему навиштем дар оғӯши фалак
Ки нағунҷида – нағунҷида басе ғунҷидем.

* * *

Як тарона ҷӯйи обам, ҷӯйи обам, ҷӯйи об,
Як таҷалло офтобам, офтобам, офтоб.

Як сапеда осмонам, осмонам, осмон
Як таровиш моҳтобам, моҳтобам, моҳтоб.

Як чаман андешаам, андешаам, андешаам,
Як талотум изтиробам, изтиробам, изтироб.

Як шарора шавқи ишқам, шавқи ишқам, шавқи ишқ,
Як аланга инқилобам, инқилобам, инқилоб.

Як муаммо аз гуноҳам, аз гуноҳам, аз гуноҳ,
Як кушоиш аз савобам, аз савобам, аз савоб.

Як наво аз тори ҷонам, тори ҷонам, тори ҷон,
Як таманно аз рубобам, аз рубобам, аз рубоб.

Як қалам шеъри дилам, шеъри дилам, шеъри дилам,
Як саҳифа аз китобам, аз китобам, аз китоб.

Як назора озарахшам, озарахшам, Озарахш,
Як ишора аз шитобам, аз шитобам, аз шитоб!

* * *

Эй дӯст биё, даст бидеҳ, даст бидеҳ, даст,
Ман маст шудам, маст шудам, маст шудам, маст.

Дар пеши баландии баландии баландат
Ман паст шудам, паст шудам, паст шудам, паст.

Майхонаи дил гашт ба вайрона мубаддал
Эй кӯзаи бишкаста, бигӯ, дасти кӣ бишкаст?

Дӣ шом бубастам дари чашм аз пайи хуршед
Дидам саҳаре гуфт: ба хуршед кӣ дар баст?

Эй дӯст биё, даст бидеҳ, даст бидеҳ, даст,
Ман маст шудам, маст шудам, маст шудам, маст.

То нест шудам, нест шудам, нест шудам, нест,
Ман ҳаст шудам, ҳаст шудам, ҳаст шудам, ҳаст.

* * *

Хез, модар, ки мусофирписарат омадааст,
Писари дар ба дарат пеши дарат омадааст.

Шаҳр бо шаҳр таманнои баратро мебурд.
Шаҳриёрат ба таманнои барат омадааст.

Ду ҷаҳонро ту хабардор зи номаш кардӣ,
Писари аз ду ҷаҳон бехабарат омадааст.

Ҳунар омӯхт ҳама умру ҳунарманд нашуд,
Писари боҳунари беҳунарат омадааст.

Синакӯбону сарафроз биё, модари ҷон,
Озарахши ту чу нури басарат омадааст.

* * *

Нафасе ҳамнафаси дарёям,
Нафасе ҳамшафати дунёям.

Нафасе ҳамнафаси хору хасе,
Нафасе ҳамнафаси гулҳоям.

Гоҳ хуршедсифат аз бари рӯз
Шомҳо рафта саҳар меоям.

Гоҳ ҳамроҳи маҳу истора
То саҳар ашк ҳамеполоям.

Муддате одамаки як бозор
Ҳамраҳи халқ пайи савдоям.

Ҳам ба ғамҳои замин пайвандам,
Ҳам ба шодии само ҳамроям.

Лек дар роҳи дарозе, ки мараст,
Боз ҳам бо ғами худ ҳампоям.

Як дуои сафарам бахш, падар,
Ман ҳамон навсафари танҳоям.

* * *

Ҷудо гаштам зи домонат, паноҳат бар худо, модар,
Худо бошад нигаҳбонат, паноҳат бар худо, модар.

Чӣ гирён аст чашми ту, Зарафшон аст чашми ту,
Бимирам дар Зарафшонат, паноҳат бар худо, модар.

Надидам аз касе меҳре, ки дорад чашми пазмонат,
Фидои чашми пазмонат, паноҳат бар худо, модар.

Ту дасте дар дуо дорӣ, ки бошад сабз ҷони ман,
Дилу ҷонам ба дастонам, паноҳат бар худо, модар.

Бубахшо шири покатро, суруди дарднокатро
Ба фарзанди ғазалхонат, паноҳат бар худо, модар!

## БАРОИ УСТОД ОДИНАИ ҲОШИМ

Нафаре нест, ки бар мурдаи мо гиря кунад
Ба сари турбати афсурдаи мо гиря кунад.
Кӣ хабар ёфт зи овардаву аз бурдаи мо
Кӣ зи овардаву аз бурдаи мо гиря кунад?
Осмон чашмаи хушкест, худоро, мададе,
Магар ин дидаи хӯкардаи мо гиря кунад?
Касе огоҳ нашуд аз дили озурдаи мо.
Ки ба ҳоли дили озурдаи мо гиря кунад…
Нафаре нест, ки бар мурдаи мо гиря кунад,
Зиндае нест, ки бар мурдаи мо гиря кунад.

## ЧИ СОН РАФТӢ?

(Дар вафоти устод Қутбӣ Киром)

Ту рафтиву замона бебасар монд,
Ҳамоно бе Сару бе додвар монд.
«Фиғони тӯдаи гарданкашоне»
Ба «даргоҳи хамӯшон» беасар монд.
Ту рафтиву шукӯҳи шоирӣ рафт,
Ғурури шоирона бе падар монд.
Ту рафтиву ба боғ омад хазонрез,
Дарахти мевадоре аз самар монд.
Нигоҳат аз пайи шамсу қамар рафт,
Хаёлат ҳамраҳи шамсу қамар монд.

Ба маргат рӯҳи Бедил гашт гирён,
Ки ҳарфи ишқ бетакрорграр монд.
Само бигрист бар аҳволи меҳан,
Ки модар боз бо доғи Писар монд.
Аё устоди шогирдони навроҳ,
Куҷо рафтӣ, ки раҳ бе роҳбар монд.
Ҳама раҳ бо Зарафшон рафта будӣ,
Чӣ сон рафтӣ, Зарафшон бехабар монд?!

* * *

Чароғи қофила хомӯш мешавад бе ту,
Тамоми шаҳр сияҳпӯш мешавад бе ту.
Таронаҳои маро  бод мебарад бо худ,
Суруди ишқ фаромӯш мешавад бе ту.
Маро зи хандаи пӯшони худ ҷудо манамо,
Чӣ гуна неши ҷаҳон нӯш мешавад бе ту?
Диле, ки гармии оғӯш сарпаноҳаш буд,
Ба хоки сард ҳамоғӯш мешавад бе ту.
Ба ҳукми як назарам ҷой деҳ ба чашмонат,
Ки Озарахш Сиёвуш мешавад бе ту.

* * *

Аз тарона то тарона ёфтам танҳо туро
Ҳамтарона бо тарона ёфтам танҳо туро
Бо ҷаҳони бекарона сохтам чун заррае
Чун ҷаҳони бекарона ёфтам танҳо туро
Худсарии ман дар олам худгарие буду бас,
Худсарона, худгарона ёфтам танҳо туро
Дил ниҳодам дар раҳе. Маъво гирифтам дар диле
Дилкашона, дилбарона ёфтам танҳо туро
Гиря кардам, об гаштам, рехтам, дарё шудам
Эй дурахши ховарона, ёфтам танҳо туро
Рӯзу шабхо нола кардам пеши даргоҳи Худо
Нашъаи пайғамбарона ёфтам танҳо туро
Шеър гуфтам дар ҳавоят бехабар аз ошиқӣ
Ошиқона, шоирона ёфтам танҳо туро!

* * *

Аз худое, ки маро дод, туро ёфтаам,
Аз баҳоре, ки маро зод, туро ёфтаам
Аз нигоҳе, ки ба уммеди паноҳ овардан
Чашмро сӯйи ту бикшод, туро ёфтаам.
Ту мапиндор, ки хомӯшии ман бемеҳрист,
Ман зи хомӯшии фарёд, туро ёфтаам.
Маншаи будани ман рӯзу шабон ёди ту буд
Мани беёди ту аз ёд туро ёфтаам
Ноз месозиву бунёди маро месӯзӣ
Ман аз ин сӯзиши бунёд туро ёфтаам
Ту ба он ҳусни худодод саломат бошӣ,
Ман дар ин шеъри худодод туро ёфтаам.

* * *

Бар ин замину ин замон аз мо салом, аз мо салом,
Аз хокдон то осмон аз мо салом, аз мо салом.
Мо як дами шодонаем, афтода дар ғамхонаем,
Эй ғамкашон, эй ҳамдамон аз мо салом, аз мо салом.
Як бадгумон бад дидамон, як хушгумон хуш дидамон
Бар хушгумону бадгумон аз мо салом, аз мо салом
Гоҳе миёни одамон, гоҳе ҷудо аз одамон
Будему гуфтем: одамон, аз мо салом, аз мо салом.
Як Озарахши раҳгузар бар мо паёме додааст
Мо ҳам ҳамонему ҳамон, аз мо салом, аз мо салом

* * *

Давои синаи садпора чист, медонӣ?
Илоҷи ин дили бечора чист, медонӣ?
Чу бод мегузариву ба ёд мемонӣ,
Сазои ин сари овора чист, медонӣ?
Надидаӣ ту ба чашмат нигоҳи пазмонро
Ниёзи чашм ба наззора чист, медонӣ?
Аз он баландии боло ба сӯйи мо бинигар
Намози ҷой ба истора чист, медонӣ?

Ба Озарахш, ки хандиду рафт, таъна мазан,
Гузаштан аз сари сайёра чист, медонӣ?
Ба хоки ман бинишину ба сабза оят хон,
Нишони умри дигарбора чист, медонӣ?

* * *

Дар хонаи дил ғайри ту кас нест, нест, нест
Ҷуз васли ту дар сина ҳавас нест, нест, нест.
Бинвоз, аё мутриби оханг бирешим
Овози диловези ту бас нест, нест, нест.
Ҳар ҷо, ки ҳавои сари зулфи ту надидам,
Дидам, ки ҳаво ҳасту нафас нест, нест, нест.
Ширинии ҳаҷри ту насиби мани танҳост,
Майли ту ба ҳар мӯру магас нест, нест, нест.
Аз ҷабру ҷафои ту чӣ сон нола кунам ман?
Ҳар мурғ гирифтори қафас нест, нест, нест.
Умрам бирабудиву аз он шукргузорам
Чизе, ки ту бурдӣ, ба абас нест, нест, нест!

* * *

Дар хандаи ёр зиндагонист,
Ҳар нози нигор зиндагонист
Ёрам чу баҳор тозарӯест,
Дар ҳусни баҳор зиндагонист
Олам ба гулу ба хор зебост,
Дарди гулу хор зиндагонист
Дарёи хумори дил нахушкад
Сарҷӯйи хумор зиндагонист
Дунё ба умед ҷовидон аст,
Дар дидаи чор зиндагонист!

* * *

Чашми ту чашми маро то чашмасорон мебарад
Ёди сабзи рӯйи ту то сабзазорон мебарад
Ҳар гаҳе аз ҷӯйборон мерасад овои ту
Ҷони пазмони маро то ҷӯйборон мебарад

Обшорон ёдгори обшори мӯйи туст
Атри гесӯят маро то Обшорон мебарад
Ёд меорам турову абр гирён мешавад
Ёди ту ашки маро то абри борон мебарад
Ишқи ту овард меҳри рӯзгорони маро
Ишқи ту охир маро аз рӯзгорон мебарад…

* * *

Ман агар хор шавам, хори гулам
Агарам зор шавам, зори гулам
Мекашам атри гул аз ҳар нафасе,
То нафас ҳаст, ҳаводори гулам
Ҳама савдогари бозори пуланд,
Ман харидор ба бозори гулам
Ҳама ҳарфам сифат аз гул дорад,
Ки шабу рӯз ба гуфтори гулам.
Гул сазовортарин ёри ман аст,
Ман сазовортарин ёри гулам…

* * *

Эй, ки ниёзи манӣ, боз биё, боз, боз,
Рӯҳнавози манӣ, боз биё, боз, боз.
Эй, ки туро кофтам қофила бар қофила
Қофиласози манӣ, боз биё, боз, боз.
Бо ту нагӯям агар роз маро мехурад,
Маҳрами рози манӣ, боз биё, боз, боз.
Шебу фарози ҷаҳон бе ту набигзаштанист
Шебу фарози манӣ, боз биё, боз, боз.
Ҷуз ту ба рӯйи касе чашм нахоҳам кушод
Дидаи бози манӣ, боз биё, боз, боз.
Сӯзу гудозат ба чашм, ишваю нозат ба чашм
Чашмаи нози манӣ, боз биё, боз, боз.
Дар қафаси зиндагӣ бе ту нафас нест, нест,
Умри дарози манӣ, боз биё, боз, боз.

* * *

Дили соғарпарасте дошт дарё
Лабони бӯсамасте дошт дарё

Диламро баст дар зулфони мавҷаш
Намедонам чӣ дасте дошт дарё?!
Сари худро ба сангу хок мезад
Куҷо болову пасте дошт дарё?
Ғазалҳои маро такрор мекард
Чӣ зебо банду басте дошт дарё!
Навис, эй мавҷ бо хатти шикаста
Ки рӯҳи бешикасте дошт дарё!
* * *

Аз сари худ гузаштан осон нест,
Хешро зинда куштан осон нест,
Эй бародар, чу кӯҳ вазнин бош,
Дар раҳи сел шиштан осон нест
Бодро гӯ, ки кӯ ба кӯ наравад
Чун ман овора гаштан осон нест
Резаборон чӣ талх мегиряд?
Риштаи ҷон сириштан осон нест
Озарахше навишт бо хати нур
Мисраеро навиштан осон нест…
* * *

Осмони мо замин аст, эй рафиқ,
Қисмати ошиқ ҳамин аст, эй рафиқ.
Баски шодӣ мегузорад умрҳо
Ғусса бо мо ҳамнишин аст. эй рафиқ.
Гарди ин вайрона дар миҷгони мост,
Ганҷ дар вайрона ин аст, эй рафиқ.
Нешҳоро нӯш карду нӯш кард,
Ҷони мо нӯшофарин аст, эй рафиқ.
Заҳри даврон хӯрда ширин гуфтаем,
Ҳарфи мо аз ангубин аст, эй рафиқ.
Мисраҳои оташини Озарахш
Аввалину охирин аст, эй рафиқ!
* * *

Ин тӯдае, ки бо мо имшаб ба пурсу посанд,
Дар рӯзи рӯшноӣ моро намешиносанд

Суратпарасти эшон сират намепарастад,
Дар зер ҷандапӯшанд, аз рӯй хушлибосанд
Ҳар чизро ба чизе ташбеҳ метавон кард,
Аммо дар олами хеш ин зумра беқиёсанд
Сад ранг менамоянд, сад рӯй мекушоянд
Худхоҳу худфурӯшанд, дунони носипосанд
Бо аҳли бебасират аз равшанӣ чӣ гӯям?
Ин кӯршабпаракҳо аз рӯз меҳаросанд.

* * *

Замин сахт аст, ё ин зиндагонӣ,
Ҳаво сард аст, ё фасли ҷавонӣ?
Ҷаҳон танг аст, ё пироҳани ман,
Намеғунҷам дар ин дунёи фонӣ!
Намехоҳам, намехоҳам, ки бинам
Баҳорамро ба ранги заъфаронӣ.
Мани гулбозро барги гуле деҳ,
Дилам гум мезанад бар гулфишонӣ!
Бимон дар махфили ушшоқ хонам
Ду-се байте ба лаҳни зарфишонӣ.
Сароям достоне аз ҷавонӣ,
Гурезам аз хазон то бехазонӣ!

* * *

Ҳар сафаркарда пйи пои маро хоҳад ёфт.
Ҳар сароҷӯй мароҷои маро хоҳад ёфт,
Ҳар дили ғамзада огоҳ шавад аз дили ман,
Ҳар сарафшон сари болои маро хоҳад ёфт
Ҳар касе чашм кушояд ба тамошои чаман,
Назаре чашми тамошои маро хоҳад ёфт.
Ман наво ёфтаму ёри навобахш шудам
Ҳар навозанда навоҳои маро хоҳад ёфт.
Толиби гумшударо зинда кунад дар дили хок
Озарахше, ки таҷаллои маро хоҳад ёфт…

* * *

Ману дарахтон ба шодмонӣ ба сабзазоре нишаста будем,
Хуморҳое ба гулфишонӣ зи навбаҳоре шикаста будем.

Зи обшорон, зи боду борон, зи нурборон наво гирифта,
Чӣ баргҳое, чӣ борҳое ба шохсоре, ки баста будем.
Ба хок пайванд, ба об пайванд, ба меҳр пайванд, ба моҳ пайванд.
Чӣ зиндагие, ки бе такаллуф зи гирудоре гусаста будем.
Зи рӯзгорон фасона бурдем, ба дӯстдорон тарона бурдем,
Ба осмонҳо нишона бурдем зи сабзаворе, ки раста будем.
Фақат худо буд, ки гӯш мекард навои сабзи ниёзи моро,
Фақат худи ӯ хуҷаста медид, ки рӯзгоре хуҷаста будем…

* * *

Ҳама ҳарфҳои худро ба хаёл дода будем,
Ба китоби зиндагонӣ чу мисол дода будем.
Ғазали насуфтаеро шабу рӯз суфта кардем,
Нафаси шикастаеро пару бол дода будем.
Бинигар, чӣ бор овард дарахти хонаи мо,
Ки дуои боғбонро ба ниҳол дода будем.
Ҳама шеъри мо шуниданду чу бод нола карданд,
Ту магӯ, ки ҳарфи худро ба шамол дода будем.
Ба азизҳои Табрез паёми Шамс бурдем,
Ба Хуҷандиён саломе зи Камол дода будем.

* * *

Эй ошиқон, эй ошиқон, Наврӯзатон фархунда бод!
Ин моҳатон обод бод, ин солатон поянда бод!
Эй гулрухон, эй гулрухон, дар бӯстон ҷавлон занед,
То бӯстон аз ҷилваи зебоятон зебанда бод.
Эй навхатон, эй навхатон, дилдодагони навҷавон,
Ин навҷавонӣ дар баҳори зиндагонӣ зинда бод!
Эй кӯдакон, эй кӯдакон, эй ғунчаҳои навзабон
Дунёятон шодонаву лабҳоятон пурханда бод!
Эй мутрибон, эй мутрибон, оҳанги наврӯзӣ занед,
«Ҳар рӯзатон Наврӯз бод», Наврӯзатон поянда бод!

* * *

Наврӯзи ноз омад, гул ноз мекунад боз,
Бо ноз сураташро пардоз мекунад боз.

Бо шарми духтарона, бо лаҳни дилбарона
Оҳанги ошиқона оғоз мекунад боз.
Шевотарин тарона, ширинтарин фасона,
Аз ширaи забонаш овоз мекунад боз.
Бо шавқи роз гуфтан, бо шеваи шукуфтан
Чашмони ошиқонро ӯ боз мекунад боз.
Дар тан либоси атлас чун духтарони наврас
Бо боли орзуҳо парвоз мекунад боз.
Эй мутрибон, навозед, эй ошиқон бисозед,
Гул ноз мекунад боз, эъҷоз мекунад боз!

* * *

Биё, Наврӯз бар кошонаи мо офтоб овард
Ба шоми интизоронаш чароғи моҳтоб овард
Замини пир оҳанги ҷавонӣ мекунад имрӯз
Баҳори нозанинаш боз ёде аз шубоб овард
Чӣ нӯшин аст ширинхандаҳои духтари бодом,
Ки нозе аз хумор оварду шарме аз гулоб овард.
Суруди рӯд вайрон кард хоби кӯҳсоронро
Вуҷуди сабзаву гул даштро дар инқилоб овард.
Дили санг об шуд аз нолаҳои мутриби борон,
Ки аз абрешими зулфони резонаш рубоб овард.
Ба базми гул чиноре нӯшбоде гуфт мастона,
Муборак бод Наврӯзе, ки мастонро шароб овард!

## ҒАЗАЛЕ БА ГУРӮҲИ ҲУНАРИИ «ДУРДОНА»

Эй дӯст, биё, маҳфили шодона ҳамин ҷост,
Соқиву маю мутрибу парвона ҳамин ҷост.
Бо мо зи баландии мақомот сухан гӯй,
К-оҳанги «Мақом»-у дами шоҳона ҳамин ҷост.
Аз нолаи най боз шунав нолаи ҷонро,
Омез ба ушшоқ, ки ҷонона ҳамин ҷост.
Боғест пур аз булбулу боғест пур аз гул,
Аз булбулу гул қиссаву афсона ҳамин ҷост.
Эй чархи фалак, чарх мазан, чун ҳунарат нест,
Рақсидану чархидани мастона ҳамин ҷост.

Дурдонашиносони  ҷаҳонро бирасонед,
Дурдона наҷӯянд, ки «Дурдона» ҳамин ҷост!

* * *

Ман он кӯҳи Бадахшонам, ки конамро намедонам,
Чу Вахшонам, ки ҷони хунфишонамро намедонам.
Сиришки сурхи Сурхобам, фиғони талхи Кӯлобам,
Душанберӯди Варзобам, маконамро намедонам.
Садои мӯя меояд зи Сайҳуну зи Ҷайҳунам,
Муноҷоти ду чашми ҳамзабонамро намедонам.
Ба холи ҳиндуе додам Самарқанду Бухороро,
Кунун ҳамчун Зарафшон ошёнамро намедонам.
Ҳанӯз аз Зиндарӯду Панҷрӯдам ошноӣ нест,
Хуросони бузургонам, нишонамро намедонам.
Замонам аз замин дуру заминам аз замон дур аст,
Замини Тоҷикистонам, замонамро намедонам…

* * *

Ҳамсафар, қиссаи ғамгини маро гӯш бисоз,
Ки гапи роҳ дароз аст, дароз аст, дароз.
Аз нишебиву фарозе, ки гузаштӣ мафароз,
Ки фароз асту нишеб асту нишеб асту фароз.
Гарди ин хок, ки мо дар сари мижгон дорем,
Баниёз асту ниёз асту ниёз асту ниёз.
Дили мардони мусофир чӣ биёбон дорад?
Ки ҳамеша ба гудоз асту гудоз асту гудоз.
Озарахш, ин сухан аз панди падар ёфтаам:
«Раҳи мо ҷойи намоз асту намоз асту намоз»…

* * *

Эй садои омаданҳоят муборакбоди ман,
Омаданҳоят муборак бод, бар милоди ман.
Ман туро сад сол дар хобу хаёлам кофтам,
Ёфтам, инак, вале кай мерасӣ бар доди ман?
Аз хамӯшии ману лабҳои хомӯшам марам,
К-аз хамӯшиҳои ман сар мезанад фарёди ман

Ёд кун шеъре, ки бахшидам бароят, ёд кун,
То мабодо бигзарад бар бодҳо аз ёди ман,
Гар намехонӣ марову ҳарфи ишқамро, бирав,
Расми ошиқношиносӣ нест дар бунёди ман.
Лек рӯзе дар сари санге махон аз Озарахш:
«Бевафо, шод омадӣ бар манзили ношоди ман»…

* * *

Ба хобат дидаму дидам, ки дидам,
Ба худ болидаму дидам, ки дидам.
Нигоҳи шармгинатро чу гулбарг
Ба мижгон чидаму дидам, ки дидам.
Ба обанбори чашмонам чӣ кардӣ?
Яке таркидаму дидам, ки дидам.
Саропо ашк гаштам, то ба поят
Фурӯ афтидаму дидам, ки дидам.
Сиришкам рӯи роҳат сабза рӯёнд,
Даме сабзидаму дидам, ки дидам.
Ба ҷои бӯсае ҷонам рабудӣ,
Туро бӯсидаму дидам, ки дидам.
Раҳо гаштӣ зи ман, бедор гаштам,
Ба худ хандидаму дидам, ки дидам…

* * *

Мо ба ин дунё саломе гуфтаем,
Ошиқонашро паёме гуфтаем.
Шаҳриёрашро, ки дар пиндори мост,
Шодбоше аз ғуломе гуфтаем.
Зиндагӣ чун бенизом аз сар гузашт,
Саргузашти бенизоме гуфтаем.
Аз тамоми шеърҳои нотамом,
Достони нотамоме гуфтаем.
Озарахш, ин мисраъ аз девони мост,
Мо зи умри бардавоме гуфтаем!

* * *

Ин умр чӣ сон аст, чӣ сон аст, чӣ сон аст,
Дарёи равон асту равон асту равон аст,
Дар шаҳр чӣ шӯр аст, чӣ шӯр аст, чӣ шӯр аст,
Чун баҳри дамон асту дамон асту дамон аст.
Аз ганҷ бигӯед, бигӯед, бигӯед,
Вайрона ҳамон асту ҳамон асту ҳамон аст.
Бо ишқ набозед, набозед, набозед,
Ин васл гумон асту гумон асту гумон аст.
Як пир чу май рехт, чу май рехт, чу май рехт,
Гуфтем ҷавон аст, ҷавон асту ҷавон аст.
Мо сабз навиштем, навиштем, навиштем,
Дидем хазон аст, хазон асту хазон аст.
Чун шукр нагӯем, нагӯем, нагӯем,
Ин шеър равон аст, равон асту равон аст!

* * *

Ҳамин ҷони ба умед асту моро зинда медорад,
Ҳамин оҳанги ҷовид асту моро зинда медорад.
Дар ин рӯзони бенуре, ки фасли тирамоҳ овард,
Дили пазмони хуршед асту моро зинда медорад.
Дарахти зиндагонӣ ҳосиле дигар намебахшад,
Хаёли кокули бед асту моро зинда медорад.
Дар ин шаҳри бузургон гар умеди шаҳриёрӣ нест,
Хумори Ҷоми Ҷамшед асту моро зинда медорад.
Ғами мотам вуҷуди зиндарӯҳонро нахоҳад кушт,
Намози хуррами ид асту моро зинда медорад.
Чӣ бемаврид мегӯӣ дурахши Озарахшатро,
Ҳамин байти бамаврид моро зинда медорад…

* * *

Эй ишқ, ба манзили висолам бирасон,
Эй ёр, ба васли бемисолам бирасон.
Эй шеър, ки бунёди маро сохтаӣ,
Бар Кохи баланди безаволам бирасон.
Ман дар ҳама фасл аз баҳорон гуфтам,
Эй бахт, ба он тозаниҳолам бирасон.

То даст диҳад домани рӯъёи нигор,
Эй даст, ба домони хаёлам бирасон.
Хокистари дил хаёли оташ дорад,
Эй мурғи самандар, пару болам бирасон.
Дар шаҳри Камол мекунам машқи ғазал,
Эй рӯҳи Камол, бар камолам бирасон!

* * *

Озарахше озар афшонду гузашт,
Хандае зад, ашк резонду гузашт.
Дар дили торики абри зиндагӣ,
Қиссае аз равшанӣ хонду гузашт.
Шеър бар лаб ташнагони ишқро
Нӯшдоруе бинӯшонду гузашт.
Чун даре андар ҷаҳони шашдара
Дидае бикшоду пӯшонду гузашт.
Дар китоби шоирони номгум
Мисрае аз номи мо монду гузашт.

2,55,4,53,6,51,8,49,10,47,12,45,14,43,16,41,18,39,20,37,22,35,
24,33,26,31,28,29

30,27,32,25,34,23,36,21,38,19,40,17,42,15,44,13,46,11,48,9,50
,7,52,5,54,3,56,1